«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи давлатии тичорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор

_____Назарзода Х.Х.

«___»_____июни_____2023 с.

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба кори диссертатсионии Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович дар мавзуи "Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити ҳозира" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D050200 - Сиёсатшиносӣ (6D050202 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ)

Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм. Кори диссертатсионии Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович дар бораи яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи илмҳои сиёсии муосир таҳия гардидааст. Дар ҷаҳони муосир масъалаҳои экологӣ дар қатори дигар мушкилоти хоси ин давра ба тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа таъсири бевоситаи худро расонида истодаанд. Хусусияти хоси ин мушкилоти замони муосир дар он ифода меёбад, ки он ба раванди рушди давлат ба таври маҷмуӣ таъсири манфии худро расонида, ягон соҳаи ҳаёти инсон дар ин самт эмин буда наметавонад. Амнияти экологӣ, ҳамчун қисми амнияти миллии кишварҳои алоҳида ва дар маҷмуъ, амнияти минтақавию ҷаҳонӣ буда, шарти асосии рушди устувори ҷомеа ва воситаи ҳифзи системаҳои табиӣ мебошад.

Диссертатсияи Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович дар мавзуи "Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити ҳозира", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа

(PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050202 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

Таҳқиқи сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар замони имрӯза яке аз масъалаҳои мураккаб ва рӯзмарра ба ҳисоб меравад. Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти мавҷудаи илмӣ дар соҳаи сиёсати экологӣ нишон медиҳанд, ки ин мушкилот дар шароити тағйирёбии иқлим дар минтақаи Осиёи Миёна аз нуқтаи назари илмҳои сиёсӣ ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст. Дар ин асос, кӯшишу омӯзиш ва таҳқиқи ҷараёни таҳияи татбиқи сиёсати экологӣ дар заминаи тағйироти ҷиддии экологӣ дар Осиёи Миёна зарур мебошад. Омӯзиш ва таҳлили омилҳои экологӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва раванди таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар байни маҷмуи масъалаҳои мураккаб ва бисёрҷонибаи миёни давлатҳои Осиёи Миёна баамаломада сиёсати экологӣ ҷойи муҳимро ишғол мекунад. Аз ин рӯ, ба назари мо интихоби мавзуи “Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити ҳозира” иқдоми саривақтӣ буда, он дорои аҳамияти муҳим мебошад.

Саҳми шахсии муаллиф дар омӯзиши масъалаи мазкур дар он аст, ки ӯ дархостҳоро мураттаб сохта, пешниҳодоти амалӣ ва пешбиниҳои илмиро дар мавриди масъалаҳои таҳқиқшаванда мушаххасан иброз намудааст. Муаллиф дар рафти таҳқиқи масъалаҳои гуногуни назариявию амалии сиёсати экологӣ ва ҳолатҳои мухталифи ба амал баровардани сиёсати экологӣ аз асарҳои зиёди олимони хориҷиву ватанӣ истифода намуда, кӯшидааст, ки онҳоро ба сифати манбаъ ва захираҳои сатҳи гуногун ба таври самаранок тобиши илмӣ диҳад. Кори диссертатсиониро муаллиф мустақилона таҳия намуда, ҳамчун масъалаи илман асоснокшуда дар сатҳи зарурии навгониҳои илмӣ

пешниҳод намудааст. Ҳамин аст, ки рисолаи диссертатсионӣ хосияти оригиналӣ пайдо намудааст. Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи кори диссертатсиониро нишон медиҳанд.

Қобили зикр аст, ки муаллифи рисола тавонистааст, ки дар се боб ва шаш зербоб паҳлуҳои мухталифи мавзуи мавриди таҳқиқро дар асоси маводҳои муътамади дохилию хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасии амиқ ва хулосагириҳои сатҳи зарурӣ қарор диҳад.

Дар муқаддимаи рисола мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ ва амсоли инҳо хеле хуб нишон дода шудаанд.

Боби аввали рисолаи диссертатсионӣ ба масъалаи “Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи сиёсати экологӣ” бахшида шудааст. Муаллиф дар зербоби аввали он, ки “Омӯзиши назариявӣ ва методологии сиёсати экологӣ дар илми муосир” номида шудааст, масъалаҳои назариявию методологии сиёсати экологиро дар заминаи таълимоти сиёсӣ-экологӣ мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Ӯ сиёсати экологиро ба таври мушаххас тавассути тавсифнамоии сиёсию иҷтимоӣ бо методологияи хоссаи омӯзиш таҳқиқ намуда, ҷойгоҳ ва нақши онро дар низоми донишҳои сиёсии муосир муқаррар намудааст. Диссертант дуруст зикр намудааст, ки инсон дар раванди таърихии ҳаёти худ нисбат ба табиат ва истифодаи сарватҳои табиӣ, ҳифзи ҳамаҷонибаи муҳити зист ва дарки амиқи қонуниятҳои он ба иштибоҳҳои зиёд роҳ дода, муносибати ғайриоқилонаро раво дидааст. Дар ин раванд тамоми наслҳои инсоният кӯшидаанд, ки бо истифодаи васеъ аз тамоми имкониятҳои дар ихтиёрдоштаи табиат ба мақсаду орзуҳои худ расанд ва дар ҳаёт худро хушбахту шоиста эҳсос намоянд.

Яъне, ба хотири расидан ба орзую мақсадҳо ва ҳадафҳои худ инсон табиатро қурбони онҳо гардонид. Бехабар аз он ки худ низ як ҷузъи табиат аст ва чунин муносибат метавонад ӯро низ гирифтори қурбониҳо гардонад. Ин раванд, махсусан, ба давраи саноатикунонии босуръати истеҳсолоти ҷамъиятӣ рост меояд.

Зербоби дуюми боби аввали кори диссертатсионӣ ба масъалаҳои "Ҳамбастагии сиёсати экологӣ бо сиёсати иҷтимоии давлат" бахшида шуда, дар он муаллиф, пеш аз ҳама, сиёсати экологиро ҷузъи таркибии сиёсати иҷтимоӣ шуморида, вазъи саломатӣ ва сатҳи зиндагии мардумро то андозае аз вазъи экологӣ вобаста медонад.

Муаллиф дар натиҷаи омӯзиши амиқи масъала ба чунин хулоса омадааст, ки мушкилоти глобалии замони мо аз дурнамои фоҷиабори инсоният дарак медиҳад. Тамоми мушкилоти экологӣ дар сатҳи гуногун ба ҳаёти инсон таъсири манфӣ расонида, боиси паст гардидани сатҳи некуаҳволии инсон мегардад. Баръакси ин, оби тоза, ҳавои тоза ва шароити хуби беҳдошт на танҳо ҷиҳати баланд гардидани сатҳи зиндагӣ ва коҳиш ёфтани беморшавӣ миёни аҳолӣ мегардад, балки дар маҷмуъ, ба солимгардии муҳити зист мусоидат мекунад.

Боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ "Самтҳои асосии сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна" номгузорӣ шудааст. Муаллиф дар зербоби аввали он, ки "Таснифоти сиёсати миллии экологии давлатҳои Осиёи Миёна" мебошад, ба масъалаҳои миллии экологии кишварҳо диққати ҷиддӣ дода, онҳоро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст. Таҳлилҳо нишон доданд, ки бисёре аз масоили миллии экологии давлатҳо ҷанбаи минтақавӣ доранд ва натанҳо марзҳои миллӣ, инчунин марзҳои минтақаро низ убур менамоянд. Ин ҳолат водор месозад, ки таҳияи стратегияи ягонаи минтақавии экологӣ дар заминаи сиёсати миллии экологии кишварҳои минтақа ба роҳ монда шавад ва ба таври зарурӣ амал намоянд.

Зербоби дуюми боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ ба масъалаҳои “Моҳият ва хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна” бахшида шуда, муаллиф дуруст қайд мекунад, ки дар Осиёи Миёна масоили экологӣ тавъам ба масоили ҳаётӣ буда, сулҳу субот, амнийат ва вахдату ягонагӣ аз ҳалли мушкилоти экологӣ вобастагии ногусастанӣ доранд.

Хусусияти аввалиндарачаи масоили экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар он ифода меёбанд, ки онҳо дар доираи манфиатҳои минтақавӣ қарор гирифта, таҳияи сиёсати ягонаи экологиро тақозо менамоянд. Бисёре аз мушкилоти экологии минтақаро наметавон дар доираи сарҳадҳои маъмурии давлатҳои алоҳида ҳаллу фасл намуд. Минтақаро таҳдидҳои якхела, ягона ва умумии экологӣ фаро гирифтаанд.

Ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалии кишварҳои Осиёи Миёна дар масоили экологӣ ва ҳифзи муҳити зист тавассути санадҳои меъёрию ҳуқуқие сурат мегиранд, ки онҳо заминаи воқеии ташаккули сиёсати минтақавии экологии ин давлатҳоро ташкил менамоянд.

Боби сеюми диссертатсия - “Дурнамои сиёсати минтақавии экологӣ дар Осиёи Миёна” аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби сеюм “Мушкилоти экологии вобаста ба об дар Осиёи Миёна” муаллиф ба масоили дастёбӣ ба амнияти минтақавии обӣ ва пешгирӣ кардани мушкилоти экологии марбут ба истифодаи об барои давлатҳои Осиёи Миёна, ки аз шароитҳои табииву иқлимӣ, сиёсӣ, иродаи сиёсӣ, вазъи иқтисодӣ ва ғайра вобаста аст, аҳамияти ҷиддӣ додааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки тибқи маълумоти мавҷуда, зиёда аз 80 фоизи захираҳои обии Осиёи Миёна дар қаламрави Тоҷикистон ва Қирғизистон ташаккул меёбанд, аммо истеъмоли бештари об ба кишварҳои дигари минтақа Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон рост меояд. Онҳо 85 фоизи захираҳои оби минтақаро истифода мебаранд. Тоҷикистон ва Қирғизистон новобаста ба оне ки дар

саромади пайдоиши захираҳои об қарор гирифтаанд, ҳамагӣ 15 фоизи ин захираҳоро истифода мебаранд.

Истеъмоли об, асосан, дар минтақа ба соҳаи кишоварзӣ рост омада, барои истеҳсоли пахта нигаронида шудааст. Дар давлатҳои поёноб, махсусан, Ҷумҳурии Ӯзбекистон обанборҳои ҳаҷмашон бузург барои захираи оби кишоварзӣ сохта шудааст, ки боиси аз меъёр кам гардидани ҳаҷми маҷрои дарёҳои фаромарзӣ ва пайдоиши мушкилиҳои зиёди экологӣ гардидааст.

Муаллиф масоили экологии вобаста ба обро дар минтақа таҳлилу баррасӣ намуда, барои беҳтар гардонидани вазъи экологӣ дар минтақа тадбирҳои судманд пешниҳод намудааст.

Зербоби дуюми боби сеюми рисола ба масъалаҳои “Мушкилоти экологии баҳри Арал ва дурнамои масоили обӣ – экологӣ дар минтақа” бахшида шуда, дар он муаллиф ба мушкилоти хушкшавии баҳри Арал диққати мухсус додааст. Имрӯз давлатҳои минтақа иқтидори барқарорсозии пурраи баҳри Аралро надоранд. Рушди босуръати демографӣ, иқтисодӣ, саноатӣ, тағйирёбии иқлим, зиёдшавии майдони кишт дар минтақа имконият намедиҳанд, ки кишварҳои Осиёи Миёна қувваи бештари худро барои ҳалли фоҷиаи Арал равона намоянд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар ин самт ҳарчанд Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал таъсис ёфтааст, аммо фаъолияти он бештар ба корҳои назариявӣ равона шудааст ва дар амалия натиҷаи дилхоҳ ба даст наомадааст, яъне бо ташкил намудани саҳнаи ибрози назарҳо мушкилоти баҳри Арал ҳал намегардад. Барои наҷоти баҳри Арал танҳо об зарур аст ва барои ҷорӣ шудани дарёҳои фаромарзӣ то ин баҳр иродаи сиёсии роҳбарияти кишварҳои поёноб муҳим аст. Танҳо иродаи сиёсии роҳбарияти кишварҳои поёноб ва ба эътибор гирифтани арзишҳо ва дархостҳои табиат аз манфиатҳои кишоварзию иқтисодӣ метавонад дар муддати кӯтоҳ масъалаи баҳри Аралро ҳал намояд.

Ҳамин тавр, рисолаи Мирзоев С.М. дорои сохтори таркибии хосса буда, пайдарҳамии матолиби он ба талаботҳо барои рисолаи диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад, ки онҳо аз дастовардҳои муаллифи рисола дарак медиҳанд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои кори диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои ошкоршуда ироа карда шудаанд, ки аз эътимоднокии онҳо дарак медиҳанд. Муаллиф бо овардани далелҳои илмӣ андешаҳои хешро таҳвият бахшида, ба натиҷаҳои муайян расидааст. Муаллиф дар ҳар қисмати таҳқиқот дар заминаи баррасиҳо ба хулосаҳои муайяне расидааст, ки дар натиҷагирии умумӣ инъикос гардидаанд.

Дар хулосаи кори диссертатсионӣ Мирзоев С.М. натиҷаҳои бадастовардаро баён сохта, оид ба истифодаи амалии онҳо тавсияҳои муфид пешниҳод намудааст.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст. Ғайр аз ин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 3 конференсияи илмию назариявии ҷумҳуриявӣ дар шакли маърӯза пешниҳод гардидаанд. Теъдоди маводи чопнамудаи муаллиф ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот, инчунин тавсияҳои илмии довталаб дар мақолаҳо ва маърӯзаҳои илмии ӯ дарҷ гардидаанд. Автореферат ва интишороти муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар мегиранд.

Кори диссертатсионӣ дар баробари муваффақиятҳои зиёд аз баъзе камбудию норасоиҳо холӣ нест. Онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

1. Дар кори диссертатсионӣ ба таълимот дар бораи сиёсати экологӣ ҳамчун сиёсати соҳавӣ таваҷҷуҳи зарурӣ равона гардидааст. Аммо ба

доктринаҳои навтарини сиёсати экологӣ ва мақоми онҳо дар назария ва амалияи сиёсии муосир ба таври зарурӣ таваҷҷуҳ накардааст. Муаллифро зарур аст, ки ба масъалаи мазкур диққати бештар диҳад.

2. Агар муаллиф дар зербоби дуюми боби якуми кори диссертатсионӣ ба паҳлуҳои сиёсии масъала таваҷҷуҳи бештар менамуд, боз ҳам кори таҳқиқотӣ арзиши зиёдтареро касб менамуд.

3. Муаллиф ба ташаббусҳои созмонҳои минтақавию байналмилалӣ дар самти сиёсати экологӣ чандон эътибори ҷиддӣ надодааст. Беҳтар мебуд, ки ба масъалаи мазкур аҳамияти бештарро раво медонист.

4. Муаллифро зарур буд, ки дар мавриди роҳу воситаҳои пешгирӣ намудан аз хатарҳо ва таҳдидҳои экологӣ ҷойгоҳи ВАО-ро дар низоми чорабиниҳо ва ташаббусҳо муқаррар менамуд.

5. Диссертант ба ташвиқу тарғиби сиёсати экологӣ ҳамчун яке аз самтҳои беҳдошти вазъи экологии минтақа чандон диққат надодааст. Дар асл бошад фаъолияти мазкур дар ташаккули назарҳо ва амалҳои мушаххас ҷойгоҳи хоссаеро касб менамояд.

Иброз намудан зарур аст, ки чунин эъродҳо, асосан хосияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии кори диссертатсиониро паст намесозанд ва он ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D050200 - Сиёсатшиносӣ (6D050202 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ) мебошад.

Тақриз ба талаботи банди 79-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Тақризи мазкур дар маҷлиси васеи кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 7-уми июни соли 2023, суратмаҷлиси № 7 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Дар маҷлиси кафедра 16 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафтор» – 16 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф » – нест.

Раиси маҷлис:

Мудири кафедраи фанҳои гуманитарии ДДТТ,

номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Неъмонов Ҷ.М.

Котиби маҷлис:

номзади илмҳои фалсафа, дотсент Шарипов М.И

Омодасози лоиҳаи тақриз:

номзади илмҳои фалсафа, дотсент Хуморов Д. М.

Имзоҳои номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Неъмонов Ҷ.М., номзади илмҳои фалсафа, дотсент Шарипов М.И., ва номзади илмҳои фалсафа, дотсент Хуморов Д. М.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва

корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С

Суроғаи муассиса:

734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2

тел.: (+992 37) 234-83-46; E-mail:.@ddtt.tj :tguk@mail.ru